# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзӯи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитики)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.04 - масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ

Рисолаи диссертатсионии Музафарзода Фазлиддин ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини назариявию методологӣ ва амалии илмҳои сиёсӣ бахшида шудааст. Воқеан ҳам манфиатҳои миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини илми муосир ба шумор рафта, моҳияти ифодагари бақои давлат ва ҷомеа мебошад.

Дар шароити муосири геополитикӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ тамоми давлатҳои олам кӯшиш менамоянд, ки ҳамкориҳоро дар самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар асоси таҳкими манфиатҳои миллӣ ба амал бароранд. Зеро дар олам давлатеро ёфтан ғайриимкон аст, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ дар доираи манфиатҳои миллии худ амал нанамояд. Дар шароити муосир тамоми давлатҳои олам раванди идоракунии мамлакат, рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, муайян намудани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро танҳо баҳри ҳимояи манфиатҳои миллии худ ба роҳ мемонанд. Маҳз дар шароити амалишавии манфиатҳои миллӣ фазои солими ҷомеа, оромию осудагӣ ва сулҳу суботи мамлакат таъмин мегардад.

Таҳқиқ ва омӯзиши падидаҳои мураккаби ҳаёти ҷамъияти ба мисли ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ дар низоми донишҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, тӯли даҳсолаҳост, ки мавриди муҳокима ва пажуҳиши ҳамаҷонибаи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Хусусан, таҳқиқи он дар шароити муносибатхои ҷамъиятии замони навин аҳамияти махсусан илмию амалиро соҳиб аст.

Ба ғайр аз аҳамияти илмию назариявии масъалаи таҳқиқшудаи диссертатсионӣ он бештар хосияти амалиро низ доро мебошад. Натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳлилу коркарди дурнамои инкишофи стратегии сиёсати дохилию хориҷии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои миллӣ истифода кард.

Бояд гуфт, ки ҳаёти сиёсӣ ба монанди дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ гуногунпаҳлу буда, тамоми амалҳои сиёсӣ бо мақсади ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва нигоҳ доштани он равона карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир паҳлуҳои гуногуни омӯзиши равандҳои сиёсӣ

дар низоми нави ҷаҳонӣ моҳият ва аҳамияти махсуси илмию амалиро касб кардааст.

Зимни таҳқиқоти илмии Музафарзода Ф. таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни манфиатҳои миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ моҳияти манфиатҳои миллӣ ва роҳу воситаҳои ҳифзи онро дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ нишон дода, омилҳои тахдидовари равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳониро нишон додааст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки шаклгирии равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои таҳдидовари он ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нишон дода шудааст.

Муаллифи таҳқиқот мазмуну моҳияти манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои муҳими онро дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи муосир, ошкор сохтани шаклҳои асосии он ва роҳу воситаҳои тадбиқи он дар шароити равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ба таври возеҳ баррасӣ намудааст.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодӣ дар ҳамаи бахшҳои диссертатсия ба назар мерасад. Хулосаҳои муаллиф дар ҳама қисматҳои диссертатсия қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи таҳсинанд. Аз ҷиҳати услуби илмӣ, мантиқӣ ва имлоӣ диссертатсия ба талаботи лозима ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф барои дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ сазовор мебошад.

номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита
бо ҷомеаи АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Комибек А.Ё.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.